Обе, ки ба андозаи ду "қулла" (зарфи калон) бошад, наҷосатро дар бар намегирад

Аз Абдуллоҳ ибни Умар (разияллоҳу анҳумо) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар бораи обе, ки чаҳорпоён ва дарандагон аз он менӯшанд (ва эҳтимол онро ифлос кунанд), пурсида шуд. Паёмбар Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Обе, ки ба андозаи ду "қулла" (зарфи калон) бошад, наҷосатро дар бар намегирад."

[Саҳеҳ] [رواه أبو داود والترمذي والنسائي وابن ماجه وأحمد]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар бораи ҳукми вузӯ гирифтан аз обе, ки ҳайвонҳо ва ваҳшиҳо барои нӯшидан меоянд, пурсида шуд. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: агар ҳаҷми об ба андозаи ду зарфи калон (баробар ба 210 литр) расад, он оби зиёд аст ва наҷис намешавад, магар ин ки яке аз се хусусияти он: ранг, бӯй ё маззаи он бо олудагӣ тағйир ёбад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/8357